**ПОСВЯЩЕНО 35-ЛЕТИЮ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

**DOI 10.25005/3078-5022-2026-3-2-134-141**

***ХУЛОСА***

***О.И. БОБОХОҶАЕВ***

# *ДАСТОВАРДҲОИ СОҲАИ СИЛШИНОСӢ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН*

*Мудири кафедраи фтизиопулмонологияи МДТ ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино, Сармутахассиси соҳавии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.т., профессор*

*Дар мақолаи мазкур Тоҷикистон дастовардҳои соҳаи силшиносӣ дар даврони Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Тоҷикистон дар татбиқи Стратегияи ҷаҳонии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ "Барҳам додани сил", пешравиҳои назаррас ба даст овардааст. Дар солҳои даврони Истиқлол инфрасохтори соҳаи силшиносии ҷумҳурӣ баъд аз давраи ҷанги шаҳрвандӣ пурра барқарор гашта, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои махсусгардонидашудаи зиддисилӣ хеле беҳтар шудааст. Тибқи таснифоти таҳияшудаи картограммаҳо аксарият минтақаҳо дар Тоҷикистон оиди вазъи эпидемиологии бемории сил дар сатҳи миёна қарор доранд, ки нишондиҳандаҳои устувори идоракунии барномаи зиддисилиро инъикос менамояд. Бо мақсади таҳлили равандҳои гуногуни барномаи зиддисилӣ гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ ҳадафрас буда, мувофиқи мақсад мебошанд. Ҳамкориҳои судманди илмӣ байни мутахассисони кишварҳои гуногун дар соҳаи силшиносӣ, намунаи барҷастаи созанда ва мубодилаи таҷрибаи пешқадам мебошад.*

***Калимаҳои калидӣ.*** *Бемории сил, вазъ, силшиносӣ, дастовардҳо, даврони Истиқлол, Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

***РЕЗЮМЕ***

***О.И. БОБОХОДЖАЕВ***

# *ДОСТИЖЕНИЯ В ОБЛАСТИ ТУБЕРКУЛЕЗА В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА*

*Заведующий кафедрой фтизиопульмонологии Государственного медицинского университета им. Абуали Ибн Сино, главный специалист Министерства здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан, доктор медицинских наук, профессор*

*В данной статье представлены достижения Таджикистана в области туберкулеза в период независимости Республики Таджикистан. Таджикистан добился значительных успехов в реализации Глобальной стратегии Всемирной организации здравоохранения «Ликвидация туберкулеза». В годы независимости была полностью восстановлена инфраструктура туберкулезной службы республики после гражданской войны, и значительно улучшился доступ населения к специализированным противотуберкулезным услугам. Согласно разработанной классификации картограмм, большинство регионов Таджикистана находятся на среднем уровне эпидемиологической ситуации по туберкулезу, что отражает стабильные показатели управления противотуберкулезной программой. Для анализа различных процессов противотуберкулезной программы целесообразно и уместно проводить научные исследования. Положительным примером конструктивного обмена передовым опытом*

*является плодотворное научное сотрудничество между специалистами из разных стран в области туберкулеза.*

*Ключевые слова: туберкулез, ситуация, туберкулез, достижения, эпоха независимости, Республика Таджикистан.*

***Для цитирования:*** *О.И. Бобоходжаев. Достижения в области туберкулеза в период независимости Таджикистана. Наука и образование. 2026;3(2):134-141. https://doi.org/10.25005/3078-5022-2026-3-2-134-141*

***ABSTRACT***

***O.I. BOBOKHOJAEV***

***ACHIEVEMENTS IN THE FIELD OF TUBERCULOSIS IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN***

*Head of the Department of Phthisiopulmonology of the Abuali Ibn Sino State Medical University, Chief Specialist of the Ministry of Health and Social Protection of the Population of the Republic of Tajikistan, Doctor of Medical Sciences, Professor*

*This article presents the achievements of Tajikistan in the field of tuberculosis in the period of independence of the Republic of Tajikistan. Tajikistan has made significant progress in implementing the World Health Organization's Global Strategy "Eliminate Tuberculosis". During the years of independence, the infrastructure of the republic's tuberculosis field was fully restored after the civil war, and the population's access to specialized anti-tuberculosis services has improved significantly. According to the developed classification of cartograms, most regions in Tajikistan are at an average level in terms of the epidemiological situation of tuberculosis, which reflects stable indicators of the management of the anti-tuberculosis program. In order to analyze the various processes of the anti-tuberculosis program, it is purposeful and appropriate to conduct scientific research. Beneficial scientific cooperation between specialists from different countries in the field of tuberculosis is a prominent example of constructive and exchange of best practices.*

***Keywords.*** *Tuberculosis, situation, tuberculosis, achievements, the era of independence, the Republic of Tajikistan.*

Маврид ба зикр аст, ки айни замон Тоҷикистон дар татбиқи Стратегияи ҷаҳонии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ "Барҳам додани сил", ки то соли 2035 сатҳи фавтро 95% ва сатҳи гирифторӣ ба онро 90% коҳиш диҳад пешравиҳои назаррас ба даст овардааст. Албатта, ҳанӯз ҳам мушкилот вуҷуд дорад, махсусан вобаста ба шаклҳои ба доруҳо устувор, аммо бо назардошти иқдомҳои давлатӣ ва дастгирии шарикони байналмилалӣ метавон гуфт, ки Тоҷикистон ба ҳадафи глобалӣ тадриҷан наздик шуда истодааст.

Мо ба шиори имсолаи Созмони ҷаҳонии тандурустӣ «Бале! Мо метавонем силро мағлуб кунем!» қавӣ эътимод дорем, зеро барномаҳои миллӣ, ҳамкории байналмилалӣ ва сатҳи баланди самаранокии табобат (92%) нишон медиҳанд, ки ҳадафи мазкур комилан воқеӣ буда, на танҳо ба ҳадафи глобалӣ наздик шудаем,

балки дар минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз пешсафҳо ҳастем.

Воқеан, Тоҷикистон дар ташаббуси минтақавии “Осиёи Марказӣ бидуни сил”, ки соли 2025 бо иштироки кишварҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва дастгирии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ оғоз гардид, фаъолона иштирок мекунад. Ин ҳамкорӣ таҷрибаи ташхис ва табобатро мубодила карда, назорати марзҳои муштаракро таҳким мебахшад ва лоиҳаҳои муштаракро амалӣ менамояд. Натиҷаи он коҳиши умумии ҳодисаҳо дар минтақа ва ҷорӣ шудани реҷаҳои муосир мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши мушкилоти умумиҷаҳонӣ дар соҳаи тандурустӣ, ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар самти тиб на танҳо зарур, балки стратегияи муҳими рушди устувор ба шумор меравад. Лозим ба ёдоварист, ки усули ҳамкории маҷозӣ (онлайнӣ) ва баргузории чунин чорабиниҳо аз бисёр ҷиҳат муфид буда, аввалан, форматҳои онлайнӣ имкон медиҳанд, ки бидуни хароҷоти сафар ва вақти зиёд мутахассисони ду кишвар мустақиман бо ҳамдигар робита барқарор кунанд. Ин хусусан дар шароити минтақаи Осиёи Марказӣ, ки ҳаракати байнидавлатӣ метавонад бо монеаҳои логистикӣ ва эпидемиологӣ рӯбарӯ шавад, хеле муҳим аст. Бояд зикр кард, ки аҳамияти чунин иқдомҳо аз он ҷиҳат муҳим аст, ки мубориза бо сил дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳанӯз ҳам вазифаи умумӣ боқӣ мемонад. Тоҷикистон бо таҷрибаи бойи худ дар соҳаи силшиносӣ ва ҳамкориҳои мунтазам бо марказҳои илмии Русия (Ижевск, Улан-Удэ, Маскав, Санкт-Петербург), инчунин Ӯзбекистон, Қазоқистон, Кирғизистон, Олмон, Шветсария, Эрон ва Афғонистон ҳамчун шарики боэътимод шинохта мешавад. Дар маҷмӯъ, ҳамкории судманди илмӣ байни мутахассисон дар соҳаи силшиносӣ, намунаи барҷастаи созанда ва мубодилаи таҷрибаи пешқадам мебошад.

Вазъи беморшавӣ ба бемории сил дар солҳои 1991-2025 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 1 нишон дода шудааст.

**Расми 1. - Нишондоди миёнаи беморшавӣ ба бемории сил ба 100 ҳазор аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2025**




Чи хеле аз расми мазкур бар меояд, нишондоди беморшавӣ ба бемории сил ба 100 ҳазор аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2025 ба тағйиротҳои назаррас дучор гардид. Чунончӣ, дар солҳои Ҷанги шаҳрвандӣ ва баъд аз он, то соли 2007 нишондоди мазкур ҳамасола баланд шуда, дар маҷмӯъ дар тулли 11 соли таҳлилӣ қариб ба 50 нишондод ба 100 ҳазор аҳолӣ баланд гардидааст. Баъд аз соли 2007 то имрӯз, вобаста аз омилҳое, ки мо дар поён таҳлил мекунем, нишондоди беморшавӣ ба бемории

сил ба 100 ҳазор аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2025 ҳамасола паст гардида истодааст. Дар маҷмӯъ, дар тулли 19 соли таҳлилӣ қариб ба 50 нишондод ба 100 ҳазор аҳолӣ паст гардидааст.

Ҳамин тариқ, қоҳиш ёфтани беморшавӣ ба бемории сил дар қиёси солҳои 2007-2025 аз 85,1 ба 100 ҳазор аҳолӣ дар соли 2007 ба 36,1 ба 100 ҳазор аҳолӣ дар соли 2025, баробар мебошад. Нишондоди фавт аз бемории сил бошад, бошад аз 6,3 ба 100 ҳазор аҳолӣ дар соли 2007 ба 1,0 ба 100 ҳазор аҳолӣ дар соли 2025 паст гардидааст.

Аз таҳлили вазъи вогирӣ ба бемории сили дар боло зикргардида бар меояд, ки дар солҳои даврони Истиқлол инфрасохтори соҳаи силшиносии ҷумҳурӣ баъд аз давраи ҷанги шаҳрвандӣ пурра барқарор гашта, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои махсусгардонидашудаи зиддисилӣ хеле беҳтар шудааст.

Боиси қаноатмандист, ки барои расидан ба ҳадаф дар боло зикршуда, татбиқи барномаҳои миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил, ҷорӣ намудани усулҳои муосири ташхис, аз ҷумла ташхиси молекулавӣ ва беҳтар шудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ нақши калидӣ бозидаанд. То имруз аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва тадбиқ гардидани чор Барнома ва як Нақшаи стратегӣ оиди ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил амалӣ шудааст. Барномаи навини ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2026 таҳти рақами 179 тасдиқ гардааст. Барномаи мазкур бо мақсади коҳиш додани сарбории бемории сил ва пешгирии таъсири манфии он ба рушди умумии иҷтимоию иқтисодии кишвар таҳия гардидааст. Бо татбиқи Барномаи миллии нав барои солҳои 2026–2030, таҳкими ташхисҳои молекулавӣ, васеъ кардани пешгирӣ дар гурӯҳҳои осебпазир (кӯдакон, муҳоҷирон, беморони ВНМО) ва ҳамкории минтақавӣ мо метавонем силро ҳамчун таҳдид ба товри назаррас коҳиш диҳем.

Дар даврони Истиқлол, азнавсозӣ, таъмири капиталӣ ва косметикии марказҳо ва беморхонаҳои зиддисилии ҷумҳурӣ ба пуррагӣ амалӣ гаштаанд. Таъмини муассисаҳои зиддисилӣ бо таҷҳизотҳои ташхисии муосири замонавӣ: таҷҳизотҳои молекулярӣ генетикӣ (Ҷен-эксперт) - 78 адад, ки дар муддати - 1 соат бемории сил ва ҳассосияти чубчамикроби силро ба доруҳои асосии зиддисилӣ муаян мекунад, таҷҳизотҳои рентгени рақамии портативӣ - 40 адад, ки дорои зеҳни сунъӣ мебошанд, рентгени рақамии статсионарӣ - 8 адад, томографи компютери - 1 адад, нақлиётҳои сайёри флюорографӣ - 5 адад, дастгоҳҳои сабти барқии дил, аудиометрҳо, гемоанализаторҳо, оксигенераторҳо ва ғ. қариб дар ҳамаи минтақаҳои кишвар дастрас мебошанд. Тамоми муассисаҳои

зиддисилӣ бо нақлиётҳои санитарӣ таъмин карда шудаанд.

Ба омузишҳои соҳавӣ тамоми мутахассисони соҳаи силшиносӣ, КАТС ва кормандони ХНДСЭ дар мавзуҳои ташхис, пешгирӣ ва табобати бемории сил фаро гирифта шудаанд.

Тамоми маводҳои ташхисӣ ва доруворихо, аз ҷумла доруҳои нави зиддисилӣ барои табобат ва пешгирии беморони сил ба таври ройгон дастрас гардидааст.

Реҷаҳои нави табобати зиддисилӣ, аз ҷумла реҷаҳои кӯтоҳмуддат барои беморони сили ба дору устуворгашта дар амалия ворид карда шудаанд.

Аз соли 2018 қабул гардидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №603 оиди кафолатҳои давлатӣ имконият дод, ки ба кормандони тиб ва дигар кормандоне, ки бевосита дар расонидани кумаки зиди бемории сил иштирок менамоянд маоши корӣ ба микдори 100% зиёд карда шуд.

Айни ҳол дар соҳаи силшиносии кишвар тамоми шароити пешгирӣ, ташхисӣ ва табобати ҳама шаклҳои бемории сил муҳайё мебошад ва зарурияти ягон шаҳрванди ҷумҳурӣ барои ташхис ва табобати беморони сил барои рафтан берун аз ҷумҳурӣ дида намешавад.

Агар назди худ савол гузорем, ки оё дар ҳама минтақаҳои кишвар вазъ якхела мебошад? Вазъи вогирӣ ба бемории сил дар минтақаҳо аёнтар дар расми 2 нишон дода шудааст.

**Расми 2. - Харитакунии паҳншавии бемории сил дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**




Ҳамин тариқ, гурӯҳбандии минтақаҳо вобаста аз сатҳи беморшавӣ ба бемории сил ба мақомоти тандурустӣ имкон медиҳад, ки стратегияи самараноки пешгирӣ ва нигоҳдории саломатиро оиди бемории сил дар саросари кишвар татбиқ намоянд. Холҳо ва диапазонҳо ба нишондоди беморшавӣ ба 100 ҳазор аҳолӣ асос ёфта, бо усули зерин тасниф мешаванд: паст (0–20), миёна-паст (21–42), миёна (43–60), миёна-баланд (61–76) ва баланд (77–110).

Визуализатсияи маълумоти бадастомада дар шакли харитаҳо, яъне таҳияи системаи иттилоотии ҷуғрофӣ (СИҶ), тақсимбандии қаламрав аз рӯи дараҷаи хатарнокии эпидемиологии бемории сил таҳлили вазъи вогирии бемории силро дар минтақаҳои кишварамон ба таври возеҳ инъикос менамояд. Тасвир дар шакли картограммаҳо, ки минтақаҳо аз сабз (нишондиҳандаҳои мақсаднок иҷро шудаанд) то сурх (қафомонии танқидӣ) ранг карда мешаванд, ки имкон медиҳад, ки вазъияти умумии кишвар фавран баҳогузорӣ гардад ва минтақаҳои мушкил муайян шаванд.

Бо мақсади таҳлили илмии равандҳои гуногуни барномаи зиддисилӣ тибқи дархости роҳбарияти ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино ва бо дастгирии бевоситаи роҳбарияти Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 дар назди яке аз шурои диссертатсионии ДДТТ ба номи Абуали ибни Сино шурои диссертатсионӣ дар соҳаи силшиносӣ таъсис дода шуд, ки дар он танҳо дар давраи се соли сипаригашта 7 рисолаи илмӣ ҳимоя карда шуд. Таҳлили танҳо мавзуҳои илмии диссертатсияҳо ҳадафрас будани иқдоми мазкурро инъикос менамояд:

1. Эффективность включения препаратов Холекальциферола в комплекс химиотерапии больных туберкулёзом лёгких с устойчивостью микобактерии туберкулёза к противотуберкулезнҷм препаратам (Абдураҳимов А.А. – дар соли 2023 ҳимоя карда шуд);
2. Современные подходы к диагностике туберкулеза среди ВИЧ-позитивных и ВИЧ-негативных детей в Республике Таджикистан (Бобоев М.У. – дар соли 2023 ҳимоя карда шуд);
3. Эффективность дифференциальной диагностики и лечения декструктивных форм туберкулёза лёгких (Салихов О.Ҳ. - дар соли 2023 ҳимоя карда шуд);
4. Отдалённые результаты наблюдения за рецидивами туберкулезного процесса и организация противорецидивной помощи в Республике Таджикистан (Укуматшоева Л.Ш. - дар соли 2024 ҳимоя карда шуд);
5. Туберкулёз с лекарственной устойчивостью до и во время пандемии COVID-19 в городе Душанбе (Тиллоева З.Х. - дар соли 2024 ҳимоя карда шуд);
6. Арзёбии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» (Ғуломзода Б.Ғ. - дар соли 2024 ҳимоя карда шуд);
7. Клинические аспекты внедрения геномной идентификации микобактерий туберкулёза в Республике Таджикистан (клинико-лабораторное исследование) (Пирмаҳмадзода Б.П. – дар соли 2025 ҳимоя карда шуд).

Тавсияҳои дар натиҷаи таҳқиқотҳо таҳияшудаи ҳамаи рисолаҳои илмии зикргардида дар амалия ҷорӣ карда шудаанд: онҳо ба воситаи 4 нахустпатенти ихтироот, 5 пешниҳоди беҳбудӣ ва якчанд санадҳои воридот дар амалия тасдиқ карда шудаанд. Бояд қайд кард, ки илова ба ин мавзуҳо айни ҳол боз 5 мавзуи илмӣ амалӣ шуда истодааст.

Мутаассифона, дар доираи як мақола, вобаста бо ҳаҷми муқаррааргардидаи он, тамоми таҳқиқотҳои илмиро ва натиҷаҳои онҳоро дар самти силшиносӣ таҳия кардан ғайриимкон мебошад. Аз ин

лиҳоз, мо диққати хонандаро ба адабиёти иловагӣ ҷалб менамоем [1-8].

Оиди боз як дастоварди муҳим бояд қайд кунем. Дар соли 2023 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Асссотсиатсияи фтизиопулмонологони Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд. Айни ҳол, дар ҳайати он зиёда аз 100 мутахассиси силшинос шомил мебошанд. Дар давраи кӯтоҳи фаъолияти худ аъзоёни Ассотсиатсия ба якчанд дастоварди соҳавӣ ноил гаштанд. Мисол, лоиҳаҳои муштарак бо Ассотсиатсияи “Ҳамкории боздошти сил дар Тоҷикистон” дар мавзуи “Таҳияи бастаи стандартӣ оид ба хизматрасониҳои дастгирии ҷамъиятӣ барои беҳтар кардани натиҷаҳои табобат ва пешгирии бемории сил” (стандартизированный пакет услуг), дар мавзуи «Скрининги гурӯҳҳои аҳолии осебпазир оиди бемории сил» (ключевые и уязвимые группы населения), дар мавзӯи "Ворид намудани тартиботи ҳамкорӣ ва хисоботдиҳии бисёрсоҳавӣ барои хотимаи сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (MAF-TB) амалӣ карда шуданд. Инчунин, лоиҳаҳои муштарак бо ДДТТ ба номи Абуали ибни Сино ва Клиникаи бемориҳои кудаконаи Мюнхен (Олмон): хондани лексия, иштирок дар Конгресси байналмиллалӣ ва ҳамкорӣ бо Клиникаи бемориҳои кудаконаи Мюнхен, лоиҳаи муштараки ҳамкорӣ бо олимони ш.Берни Шветсария дар самти дарёфти бемории сили шуш бо истифода аз дастгоҳи ултрасадо бо зеҳни сунъӣ амалӣ карда шуд. Ғайр аз он, лоиҳаи муштарак бо филиати KNCV дар Тоҷикистон оиди ҷорӣ намудани усули нави санҷиши дохилипӯстии CY-TB, машваратдиҳӣ ва дастгирӣ дар рафти табобати пешгирикунандаи сироятии ниҳонии силӣ, амалӣ шуда истодааст.

**Хулосаҳо.** Тоҷикистон дар татбиқи Стратегияи ҷаҳонии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ "Барҳам додани сил", пешравиҳои назаррас ба даст овардааст. Дар солҳои даврони Истиқлол инфрасохтори соҳаи силшиносии ҷумҳурӣ баъд аз давраи ҷанги шаҳрвандӣ пурра барқарор гашта, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои махсусгардонидашудаи зиддисилӣ хеле беҳтар шудааст. Тибқи таснифоти таҳияшудаи картограммаҳо аксарият минтақаҳо дар Тоҷикистон оиди вазъи эпидемиологии бемории сил дар сатҳи миёна қарор доранд, ки нишондиҳандаҳои устувори идоракунии барномаи зиддисилиро инъикос менамояд. Бо мақсади таҳлили равандҳои гуногуни барномаи зиддисилӣ гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ ҳадафрас буда, мувофиқи мақсад мебошанд. Ҳамкориҳои судманди илмӣ байни мутахассисони кишварҳои гуногун дар соҳаи силшиносӣ, намунаи барҷастаи созанда ва мубодилаи таҷрибаи пешқадам мебошад.

## Адабиёти иловагӣ / References

1. Bobokhojaev OI, Osmanov A, Aliev SP, et al. The Burden of Serious Fungal Infections in Tajikistan. "Journal of Fungi" (Scopus).2019;5:68-74. ISSN 2309-608X.
2. Bobokhojaev O, Jo Y, Mirzoeva F, Chry M, et al. Standardized framework for evaluating costs of active case finding programs: An analysis of two programs in Cambodia and Tajikistan «PLOS ONE» (Scopus).2020;15(1):e0228216. https://doi.org/10.1371/journal.pone.0228216.
3. Bobokhojaev OI. Long-term results of 10 years of observation of cured cases of pulmonary tuberculosis. Journal of Pulmonology and Respiratory Research. 2022;6:007-011.
4. Bobokhojaev OI. Experience in optimizing the accessibility of services for tuberculosis in the Republic of Tajikistan. J. Community Med Health Solut. 2022; 3: 064-068. DOI: 10.29328/journal.jcmhs.1001022.
5. Bobokhojaev OI, Rasulov EF, Abdurakhimov AA. Detection of pulmonary tuberculosis in the republic of Tajikistan. Hos. Pal. Med. Int. Jnl. 2024; 7(3):96–98. DOI: 10.15406/hpmij.2024.07.00248.
6. Bobokhojaev, O. I., Pulatova, S. D., Saidova, S. N. Similarities in measures to prevent the spread of Covid-19 and Tuberculosis. CME Journal of Clinical Case Reports. 2024;1(1):1-3.
7. Bobokhojaev OI, Abdulloev NN, Khushvakhtov ShD, Shukurov SG. Efficiency of Artificial Intelligence for Interpretation of Chest Radiograms in the Republic of Tajikistan. J Pulmonol Respir Res. 2024; 8(2): 069-073.
8. Implementing standardised community-based service package to improve TB outcomes in six countries / M. Volik, L. Tonkonoh, Y. Kalancha, P. Valieva, N. Heydarova, D. Zhurkin, N. Shumskaia, O. Bobokhojaev, S. Naimov, O. Klymenko, S. Hasanova, O. Rucsineanu. Public Health ActionVOL 15 NO 3 PUBLISHED SEPTEMBER 2025:124-128; e-ISSN 2220-8372.

**Сведения об авторе:**

**Бобоходжаев Октам Икрамович** – заведующий кафедрой фтизиопульмонологии ГОУ «ТГМУ им. Абуали ибни Сино», главный фтизиатр Министерства здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан, д.м.н., профессор;

ORCID ID: 0000-0002-8619-3426

**Адрес для корреспонденции:**

**Бобоходжаев Октам Икрамович** – заведующий кафедрой фтизиопульмонологии ГОУ «ТГМУ им. Абуали ибни Сино», д.м.н., профессор; Тел.: +992 985868080. Адрес: 734025, г. Душанбе, ул.Сино 29-31. E-mail: bobokhojaev@mail.ru

**Конфликт интересов**

Авторы заявляют об отсутствии конфликта интересов.

**Информация о финансировании**

Исследование выполнено без привлечения спонсорской или грантовой финансовой поддержки.